# СОЛИ 2026 – СОЛИ РУШДИ МАҲАЛЛА ВА ПЕШРАФТИ ҶАМЪИЯТ


Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

1 январи соли 2026
Панҷшанбе
№ 1 (15220)



e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru


# ТАБРИКИ СОЛИНАВӢ БА МАРДУМИ ӮЗБЕКИСТОН



Ҳамватанони азиз!

Шумо азизон ва тамоми мардуми бисёрмиллатамонро бо фарорасии Соли нави 2026 самимона табрик мегӯям.

Соле, ки сипарӣ мешавад, дар ҳаёти мардуми мо соли дигаргуниҳои бузург, таҳкими эътимод ба фардо ва дастовардҳои назаррас гардид.

Новобаста аз вазъи мураккаб дар ҷаҳон, мо ба тамоми ҳадаф ва марраҳое, ки пеши худ гузошта будем, ноил шудем. Ҳаҷми маҳсулоти умумии дохилии Ӯзбекистон бори аввал аз 145 миллиард доллар афзуд ва мамлакати мо мавқеи худро дар байни давлатҳои дорои даромади миёна боз ҳам мустаҳкам намуд.

Самараи рушди иқтисодӣ дар ҳаёти мардум, даромади оилаҳо, симои маҳаллаҳо ва эътимоди ҷавонони мо ба оянда равшан пеши назар меояд.

Дар соли гузашта дар ҳар як оила, ҳар як хонадон бисёр хурсандӣ ва лаҳзаҳои фаромӯшнопазир рух доданд.

Шодмонии миллионҳо оилаҳое, ки ба хонаи нав кӯчиданд, тиҷорати худро оғоз ё густариш доданд, даромадашон афзуд, аз дастовардҳои худ ва ё фарзандонашон дар соҳаҳои илму фан, варзиш, фарҳанг ва дигар бахшҳо шод гаштанд, албатта, ба мо дар роҳи расидан ба ҳадафҳои соли 2026 неруи бузург мебахшад.

Ҳамватанони гиромӣ!

Мо дар соли оянда низ барои зиндагии хушбахт, фаровон ва солими ҳар як хонавода, таълими босифат гирифтан, касбҳои ояндаро аз худ намудан ва бо варзиш мунтазам машғул шудани ҷавонон имкониятҳои нав ба навро фароҳам меоварем.

Мо соли 2026-ро чун **«Соли рушди маҳалла ва пешрафти ҷамъият»** эълон намудем.

Дар соли нав инфрасохтори ҳазорҳо маҳалларо беҳтар намуда, ба онҳо намои «Ӯзбекистони Нав»-ро ворид хоҳем кард.

Ҳамаи соҳаҳои иқтисодиётро ба модели рушди технологӣ ва инноватсионӣ мегузаронем. Корҳоро ҷиҳати баланд бардоштани даромад ва қобилияти харидории мардум боз ҳам суръат мебахшем.

Дастгирии табақаҳои ниёзманди аҳолӣ, пиронсолони муҳтарам, занону духтарони гиромӣ ва ҷавонони баркамолро густариш медиҳем.

Дар самти беҳсозии экология, рушди энергетикаи «сабз» ва истифодаи оқилонаи захираҳои об чорабиниҳои муассирро идома хоҳем дод.

Бо як сухан, дар соли нави 2026 низ тамоми ислоҳот ва саъйу кӯшишҳои мо ба боз ҳам беҳтар намудани зиндагии мардум ва фароҳам овардани шароити мусоидтар барои тиҷорат нигаронида мешавад.

Бовар дорам, ки раисону фаъолони ботаҷрибаи маҳаллаҳо, зиёиён, соҳибкорон, ҷавонони пурғайрат, ҷомеаи васеъ ва ҳар як ҳамватани мо ба ин корҳои наҷиб саҳми шоиста мегузоранд!

Ҳамватанони азиз!

Дар арафаи Соли нав ҳар як оила нияти нек мекунад, дар дили ҳар як инсон орзуву умедҳои дурахшон ҷӯш мезананд.

Бигузор, ниятҳои пок ва ҳадафҳои неки ҳамаи мо дар соли 2026 амалӣ гарданд!

Соли нав ба ҳар як хонавода саломатӣ, бахту саодат, файзу баракат,

ба кишварамон рушди устувор, сулҳу оромӣ оварад!

Офаридгори бузург Ватани моро ҳифз намояд ва дар корҳои нек барои беҳбуди зиндагии халқамон мададгор бошад!

Соли нав барои ҳамаи мо муборак бошад, азизон!

**Шавкат МИРЗИЁЕВ,**
**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**

# МУБОРАКБОДИҲОИ САМИМОНА

***Ба муносибати фарорасии Соли нави 2026 ба номи Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев аз роҳбарони давлатҳои хориҷӣ, парлумон ва ҳукуматҳо, созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ва минтақавӣ, ниҳодҳои пешсафи молиявӣ, сиёсатмадорони шинохта, арбобони ҷамъиятӣ ва динӣ табрикот ва таманноҳои самимона дастрас мегарданд.***

Дар паёмҳои табрикӣ дигаргуниҳои фарогири сиёсӣ ва ислоҳоти иҷтимоию иқтисодие, ки таҳти роҳбарии Президенти мо дар доираи стратегияи бунёди Ӯзбекистони Нав амалӣ мегарданд, баланд арзёбӣ шудааст. Ҳамчунин, самараҳои сиёсати хориҷии фаъол, боз ва прагматикӣ, ки барои таҳкими мавқеъ ва нуфузи кишвари мо дар арсаи байналмилалӣ мусоидат менамояд, махсус таъкид гардидааст.

Ҳамкорони хориҷӣ ба роҳбари Ӯзбекистон ва халқи сермиллати он дар соли нав оромиву осудагӣ, бахту саодат, фаровонӣ, муваффақиятҳои бузург ва шукуфоӣ таманно менамоянд.

**Ба Аълоҳазрат ҷаноби Шавкат Мирзиёев,**
**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**

Табрикоти самимонаи маро ба муносибати иди Соли нав қабул намоед.

Соли гузашта равобити Русия ва Ӯзбекистон хеле бомуваффақият буд.

Кишварҳои мо дар соҳаҳои сиёсӣ, савдову иқтисод, гуманитарӣ ва дигар бахшҳо, инчунин дар доираи ИДМ, СҲШ ва дигар сохторҳои бисёрҷониба ҳамкории босамар доранд.

Бовар дорам, ки минбаъд низ муносибатҳои шарикии стратегии фарогир ва ҳамгироии миёни Маскав ва Тошкандро ба манфиати некӯаҳволии халқҳои дӯсти мо, таҳкими амният ва субот дар сатҳи минтақавӣ ва байналмилалӣ ҳамаҷониба рушд хоҳем дод.

Ба Шумо, муҳтарам Шавкат Миромонович, ба аҳли оила ва наздиконатон сиҳатии бардавом, бахту саодат ва комёбиҳо, ба ҳамаи шаҳрвандони Ӯзбекистон сулҳу оромӣ, фаровонӣ ва пешрафт орзумандам.

Бо эҳтиром,

**Владимир ПУТИН,**
**Президенти Федератсияи Русия**

***

**Ба Аълоҳазрат ҷаноби Шавкат Мирзиёев,**
**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**

Муҳтарам Шавкат Миромонович!

Табрикоти самимонаи маро ба муносибати фарорасии Соли нави 2026 қабул фармоед!

Ба Шумо неру ва тавоноии пойдор, ободии рӯзгор ва ба фаъолияти пурмасъулият дар роҳи фаровонии халқи бародари Ӯзбекистон муваффақиятҳои бузург таманно мекунам.

**Қосим-Ҷомарт ТОҚАЕВ,**
**Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон**

***

**Ба Аълоҳазрат ҷаноби Шавкат Мирзиёев,**
**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**

Муҳтарам Шавкат Миромонович!

Шуморо бо фарорасии иди Соли нав самимона табрик мегӯям.

Соли гузашта дар муносибатҳои Қирғизистон ва Ӯзбекистон соли таҳкими минбаъда ва густариши пурмазмун амалӣ гардид.

Сатҳи баланди муколамаи сиёсӣ бар пояи эътимод ва созишномаҳои бадастомада шарикии стратегии ду кишварро ба марҳилаи нав баровард.

Бовар дорам, ки дар соли оянда низ ҳамкории гуногунҷабҳаи мо дар пояи дӯстӣ ва эътимоди мутақобил, ба таъмини сулҳ ва фаровонии пойдори халқҳои бародар нигаронида шуда, бо муваффақият рушд меёбад.

Ба Шумо, муҳтарам Шавкат Миромонович, саломатии мустаҳкам, дар ҷодаи фаъолият ҳамчун роҳбари давлат комёбиҳо, ба халқи бародари ӯзбек бошад, сулҳу оромӣ ва пешрафт таманно мекунам.

Бо эҳтиром,

**Садир ҶАПАРОВ,**
**Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон**

***

**Ба Аълоҳазрат ҷаноби Шавкат Мирзиёев,**
**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**

Шавкат Миромоновичи гиромӣ!

Шуморо бо фарорасии иди Соли нав аз таҳти дил табрик мегӯям!

Ба ин муносибат ба Шумо ва наздиконатон сиҳатии бардавом, бахту саодат ва фаровонӣ, ба халқи бародари Ҷумҳурии Ӯзбекистон бошад, сулҳ, субот ва рушди боз ҳам устувор орзу менамоям.

Бо қаноатмандӣ бояд таъкид намуд, ки дар соли 2025 муносибатҳои дӯстӣ ва ҳамкории гуногунҷабҳаи миёни кишварҳои мо суръати баландро нигоҳ дошта, бо қадамҳои нави муштарак, ки ба рушди пайваста дар роҳи фаровонии халқҳоямон нигаронида шудаанд, ғанӣ гардиданд.

Бовар дорам, ки дар соли фарорасидаи 2026 низ ҳамкории босамари давлатҳоямонро бо мазмуни нав ғанӣ хоҳем сохт.

Аз идомаи муколамаи боэътимоди байнидавлатӣ дар рӯҳияи шарикии стратегӣ ва ҳамгироӣ мамнун хоҳем шуд.

Бо эҳтиром,

**Эмомалӣ РАҲМОН,**
**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

***

**Ба Аълоҳазрат ҷаноби Шавкат Мирзиёев,**
**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**

Муҳтарам Шавкат Миромонович!

Аз таҳти дил Шуморо бо фарорасии Соли нави 2026 табрик менамоям! Барои Шумо саломатӣ, бахт ва тавфиқро дар иқдомҳои накукорона хоҳонам, ки ба мустаҳкам намудани шарикӣ ва ҳусни тафоҳум дар арсаи байналхалқӣ мусоидат менамояд. Бигузор, Соли нав ба мардуми мамлакати Шумо фараҳмандӣ ва шукуфоӣ орад.

Бо эҳтиром,

**Сердар БЕРДИМУҲАМЕДОВ,**
**Президенти Туркманистон**

**Ба Аълоҳазрат ҷаноби Шавкат Мирзиёев,**
**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**

Аълоҳазрат!

Ба муносибати фарорасии Соли нави 2026 бароятон табрикоти самимӣ ирсол менамоям. Самимона бароятон тансиҳатии мустаҳкам, фараҳмандӣ ва хушбахтӣ хоҳонам. Бигузор, ҳама иқдоми Шумо дар Соли нав ҷомаи амал пӯшад!

Бо эҳтиром,

**Гурбангулӣ БЕРДИМУҲАМЕДОВ,**
**Пешвои миллии халқи туркман,**
**Раиси Халқ Маслаҳатии Туркманистон**

**Ба Аълоҳазрат ҷаноби Шавкат Мирзиёев,**
**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**

Муҳтарам Шавкат Миромонович!

Бародари азиз!

Шумо ва дар шахси Шумо халқи бародари Ӯзбекистонро бо фарорасии соли 2026 самимона табрик мегӯям ва барои Шумо беҳтарин таманноҳоро ирсол менамоям.

Соли 2025 аз лиҳози рушди муносиботи Озарбойҷону Ӯзбекистон боаҳамият ва бомуваффақият гардид ва дар ин муддат рӯзномаи дуҷонибаи мо бо руйдодҳои хотирнишин ғанӣ гардид. Дар соли хотимаёбанда Шумо ҳам ташрифи давлатӣ ва ҳам ду маротиба ташрифи кориро ба Озарбойҷон ба анҷом расондед.


(Давомаш дар саҳ.2).


*Муносибат*

# ИСЛОҲОТИ СОҲАИ ТАЪЛИМ – ПОЯИ РУШДИ МАМЛАКАТ

***Инсон дар ҳамаи давру замон ба таълиму тарбия эҳтиёҷ дошт ва дорад. Гузаштагони мо насли ҷавонро дар рӯҳи одаму одамгарӣ, меҳнатдӯстӣ, ватанпарварӣ, далерию чолокӣ, илму донишомӯзӣ ва дигар фазилатҳои инсонӣ тарбия кардаанд.***

Вақте асарҳои файласуфу педагогҳои машҳури дунё ва шеърҳои панду ахлоқии шоирони классики форс-тоҷикро мутолиа менамоем, ба то куҷо ба таълиму тарбияи насли ҷавон, умуман инсон, эътибор додани онҳо боварӣ ҳосил мекунем. Аз ҷумла, Абулқосим Фирдавсӣ бо байти зеринаш ҷавононро ба донишомӯзӣ, ки омили тавоноии инсон мебошад, даъват намудааст:

*Тавоно бувад ҳар кӣ доно бувад,*
*Зи дониш дили пир барно бувад.*

Гузаштагони донишманду бафарҳанги мо дар тарбияи насли ҷавон нақши мураббӣ ва омӯзгорро басе муҳим шуморидаанд. Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ дар бораи нақши омӯзгор дар зиндагӣ фармудааст:

*Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,*
*Шавад тира аз бехирад рӯзгор.*

Сайидои Насафӣ доир ба нақши мураббӣ дар тарбияи насли ҷавон гуфтааст:

*Бе мураббӣ зери гардун муътабар натвон шудан,*
*Моҳи навро рафта-рафта чарх оламгир кард.*

Дар тӯли солҳои Истиқлол роҳбарони кишвари мо, хусусан, муҳтарам Шавкат Мирзиёев ба сифати таълиму тарбия эътибори ҷиддӣ доданд. Зеро таҷрибаи давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон нишон медиҳад, ки онҳо ба таълиму тарбияи насли ҷавон аҳамияти аввалиндараҷа додаанд.

Дар тӯли 5-6 соли охир аз ҷониби Президенти кишварамон дар соҳаи таълиму тарбия қарору фармонҳои созанда қабул гардиданд, ки агар амалӣ гарданд, бешак, таълиму тарбия натиҷаи дилхоҳ медиҳад.

Мо мебинем, ки ислоҳот дар соҳаи таълим пайгирона амалӣ мегарданд. Дар шаҳру деҳот барои муассисаҳои таълими томактабию мактабӣ биноҳои нави замонавӣ қомат рост мекунанд, бо таҷҳизоти таълимӣ таъмин мегарданд, ки ин маънои шароити мусоид фароҳам овардан ба тарбия ва таълими насли ҷавонро дорад.

Дар Қонун «Дар бораи таълим», ки соли 2020 қабул гардида буд, сохтор, шакл ва принсипҳои асосии давлатамон дар соҳаи таълим муайян карда шудаанд.

Дар давоми солҳои 2017-2023 доир ба ислоҳсозии сохтори таълими томактабӣ ва мактабӣ беш аз 150 ҳуҷҷати меъёрию ҳуқуқӣ қабул гардид. Хусусан, доир гардидани фармони Президент дар бораи «Консепсияи рушди сохтори таълими халқи Ҷумҳурии Ӯзбекистон то соли 2030» яке аз ҳуҷҷатҳои саривақтӣ буд.

Дар ин фосила шумораи муассисаҳои таълимӣ хеле афзоиш кард. Дар соли 2017 агар дар кишвар 5211 муассисаи таълими томактабӣ вуҷуд дошта бошад, дар натиҷаи ворид гардидани сектори ғайридавлатӣ ба соҳа, ҳамчунин, ҷорӣ гардидани сохтори шарикии давлатию хусусӣ дар соли 2023 шумораи онҳо 6,5 баробар зиёд шуд. Дар сартосари кишвар фарогирии бачаҳо ба муассисаҳои таълими томактабӣ 74 фоизро ташкил дод.

Соли гузашта дар муассисаҳои таълими томактабӣ саҳми кадрҳои маълумоти олидор ба 34,6 фоиз расид. Ҳоло бачаҳо як сол пеш аз ба остонаи мактаб қадам ниҳодан ба мактаб бепул тайёр карда мешаванд. Бино ба натиҷагириҳои охири соли 2023 теъдоди мактабҳои таълими ҳамагонӣ ба 10 163 адад расидааст, ки дар ин ҳисоб синфу мактабҳои тоҷикӣ ҳам дохил мешаванд. Дар натиҷаи содакунии тартиби литсензиядиҳӣ шумораи муассисаҳои таълими ҳамагонии ғайридавлатӣ 449 ададро ташкил дод. Ҷавонон дар 5 олимпиадаи бонуфузи байналхалқӣ ва дигар олимпиадаҳо иштирок намуда, соҳиби 52 медал гардиданд.

Яке аз омилҳои пешрафти соҳаи таълим аз худ кардани таҷрибаи пешқадами хориҷӣ мебошад. Роҳбари давлатамон ба мақсади баланд бардоштани сифати таълим ба ин раванд ҳам эътибори ҷиддӣ дод. Ҳоло беш аз 500 мутахассиси хориҷӣ дар мактабҳои мо таълим медиҳанд. Ҷалби хориҷиён ба соҳаи таълим, дар баробари баланд бардоштани сифати таълим, омода кардани кадрҳои болаёқат, ба таҳкими робитаҳои байналхалқӣ мусоидат менамояд.

Ба мақсади муайян намудани самтҳои устувори ислоҳозии сохтори таълими олии мамлакат, аз ҷиҳати сифат ба зинаи нав бардоштани ҷараёни омодакунии кадрҳои баландамалакае, ки дорои донишу маънавияти волоянду мустақиландешанд, модернизатсияи таълими олӣ, дар ҳоли такя ба технологияҳои пешқадами таълим, ривоҷ додани соҳаҳои иҷтимоӣ ва шабакаҳои иқтисодиёт консепсияи рушди сохтори таълими олии Ӯзбекистон то соли 2030 тасдиқ карда шуд.


(Давомаш дар саҳ.3).

# МУБОРАКБОДИҲОИ САМИМОНА

(Аввалаш дар саҳ.1).

Ташрифи кории ман ба мамлакати зебои Шумо ва ҳамчунин мулоқотҳои бисёр дар доираи чандин чорабинии байналхалқӣ аз дараҷаи баланди суръат ва афзалияти муносибати байнидавлатиамон гувоҳӣ медиҳад. Аз диданаш бисёр хушҳол ҳастам, ки муносибатамон ба эҳтироми тарафайн асос меёбад, эътимод ва дастгирӣ рӯз то рӯз амиқ гардида, аз ҳар ҷиҳат рушд меёбад ва мазмуни нав касб мекунад.

Боварӣ дорам, ки ба туфайли кушишоти муштараки муттасиламон, бинобар иродаи халқҳои бародарамон дар соли 2026 муносиботи Озарбойҷону Ӯзбекистон ва муттафиқиамон минбаъд вусъат ёфта, мустаҳкам мегардад.

Имсол низ мо санаи аҳамиятнок – 30 солагии муқаррар гардидани муносибати дипломатии байни Озарбойҷон ва Ӯзбекистонро ҷашн намудем.

Дар Соли нав ба Шумо ва аъзои хонаводаи Шумо саломатии комил, хушбахтӣ, тавфиқ ва дар фаъолияти масъулиятнок ва ифтихории давлатӣ дастовардҳои нав таманно дорам, ба халқи бародари Ӯзбекистон сулҳи ҳамешагӣ, фараҳмандӣ ва шукуфоӣ хоҳонам.

Бо эҳтиром,

**Илҳом АЛИЕВ,**
**Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон**

***

**Ба Аълоҳазрат ҷаноби Шавкат Мирзиёев,**
**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**

Муҳтарам Шавкат Миромонович!

Ба муносибати Соли нав табрикоти самимиамро бипазиред.

Соли 2025 аз рӯйдодҳои хотирмон бой буд, ки ба муносибати Белорусу Ӯзбекистон суръати назаррас бахшиданд ва уфуқи истиқболи навро дар ҳамкории муфиди тарафайн ва самарабахш кушоданд.

Бовар дорам, ки дӯстии самимӣ, шарикии боваринок байни мамлакатҳоямон минбаъд низ ба нафъи ду халқ мустаҳкам хоҳад гардид.

Аз таҳти дил ба Шумо, муҳтарам Шавкат Миромонович, саломатӣ, муваффақият ва хушбахтӣ, ба Ӯзбекистони бародарӣ сулҳу салоҳ ва шукуфоӣ таманно дорам.

Бо эҳтиром,

**Александр ЛУКАШЕНКО,**
**Президенти Ҷумҳурии Белорус**

***

**Ба Аълоҳазрат ҷаноби Шавкат Мирзиёев,**
**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**

Соли гузарандаро гусел намуда ва Соли навро истиқбол гирифта, иҷозат бидиҳед, ба Шумо, Аълоҳазрат, гармтарин табрикотамро бо Соли нав орзу намоям.

Бигузор, Соли нави 2026 рамзи моилии фаъолсозии кушишоти муштараки навамон ва ҳамкории муфид, ки ба гуфтугӯ ва ҳусни тафоҳум асос меёбад, ҳамзамон барои пушти сар намудани мунокишаҳои идомаёбанда гардида, ба мақсади умумиамон – ба ояндаи ҳарчи осуда, босубот ва бехатари халқҳоямон пешрафт намоем.

Ман ба мустаҳкам гардидани муносиботи дутарафаамон дар соли оянда, рушди ҳарчи наздиктари ҳамкорӣ ва даст ёфтан ба натиҷаҳои эҳсосшаванда ба хотири ду халқи дӯст бо умед назар меафканам.

Муҳтарам ҷаноби Президент, эҳтироми баландамро нисбати Шумо, таманноҳои самимии солро, ки сарпур аз тараққиёт ва шукуфоӣ барои халқҳои тамоми ҷаҳон мебошад, қабул намоед.

Бо эҳтиром ва миннатдории амиқ.

Соли нав муборак!

**Абдулфаттоҳ ас-СИСӢ,**
**Президенти Ҷумҳурии Мисри Араб**

***

**Ба Аълоҳазрат ҷаноби Шавкат Мирзиёев,**
**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**

Ба муносибати фарорасии Соли нави 2026 Шумо, Аълоҳазрат ва ҳамчунин халқи мамлакати Шуморо самимона табрик мегӯям.

Изҳори умед менамоям, ки дар соли фарорасанда бо кӯшишоти муштарак, ба принсипҳои ҳамзистии мусолиматомез ва ҳамкории боадолат такя намуда, мо метавонем шароити ногузирро барои таҳкими сулҳ ва субот дар ҷаҳони нооромии имрӯз фароҳам созем.

Ба Шумо, Аълоҳазрат, саломатии мустаҳкам ва муваффақияти бузург, ба халқи Ҷумҳурии Ӯзбекистон хушбахтӣ, фараҳмандӣ ва шукуфоӣ орзу дорам.

**Масъуд ПИЗИШКИЁН,**
**Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон**

***

**Ба Аълоҳазрат ҷаноби Шавкат Мирзиёев,**
**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**

Муҳтарам ҷаноби Президент!

Ба муносибати фарорасии Соли нав ба Шумо ва аъзои оилаи Шумо таманноҳои самимии тандурустии мустаҳкам, Соли нави пурмуҳтаво ва фараҳнокро таманно дорам.

Изҳори умед менамоям, ки бо кӯшишҳои муштарак, эътимод ва катъият мо метавонем вазифаҳои пешгузоштаро ба хотири ояндаи бехатар ва осуда ба амал татбиқ намоем.

Бо эҳтиром,

**Фридрих МЕРС,**
**Канслери федералии Ҷумҳурии Федеративии Олмон**

**Ба Аълоҳазрат ҷаноби Шавкат Мирзиёев,**
**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**

Муҳтарам ҷаноби Президент!

Ба муносибати фарорасии Соли нав аз номи халқи Полша ва шахсан аз номи худ меҳоҳам ба Шумо ва шаҳрвандони Ҷумҳурии Ӯзбекистон таманноҳои гарм ва самимии худро ирсол намоям.

Бигузор, соли 2026 муноқишаҳои ҷаҳониро ҳаллу фасл намояд ва замони сулҳ, субот ва мусолиҳа гардад.

Хоҳишмандам, ки эҳтироми амиқи ман ва таманноҳои беҳтарини шахсиамро бипазиред.

Бо эҳтиром,

**Карол НАВРОТСКИЙ,**
**Президенти Ҷумҳурии Полша**

***

**Ба Аълоҳазрат ҷаноби Шавкат Мирзиёев,**
**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**

Барои мубодилаҳое, ки соли гузашта миёни кишварҳои мо дар заминаи дӯстии мустаҳкам ва риштаҳои ҳамкории судманд сурат гирифтанд, арзи сипос менамоям.

Умедворам, ки дар соли 2026 дӯстии мо боз ҳам таҳким ёфта, ҳамкориҳоямон густариш меёбанд.

Инчунин, итминон дорам, ки кишварҳои мо минбаъд низ дар роҳи сулҳ ва фаровонӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ ҳамкории босамарро идома хоҳанд дод.

Ба Шумо комёбиҳои бардавом орзумандам, ба кишваратон бошад, рушди устувор ва пешрафти бештар орзу менамоям.

Табрикоти самимии маро ба муносибати фарорасии Соли нав қабул фармоед.

**Ли Чже МЁН,**
**Президенти Ҷумҳурии Корея**

***

**Ба Аълоҳазрат ҷаноби Шавкат Мирзиёев,**
**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон!**

Ассалому алайкум ва раҳматуллоҳи ва баракотуҳу.

Хеле хушҳолам, ки ба муносибати фарорасии Соли нави милодии 2026 ба Шумо, Ҷаноби Олӣ, табрикоти самимӣ ва таманноҳои неки худро иброз менамоям.

Орзу дорам, ки ин Соли нав барои тамоми башарият соли хайр гардида, амнияту сулҳ пойдор бошад ва ба ҳамаи халқҳои ҷаҳон фаровонӣ оварад.

Ба Шумо, Ҷаноби Олӣ сиҳатии бардавом орзумандам ва боз ҳам рушд ёфтани робитаҳои миёни ду кишвари дӯст ва халқҳоямонро хоҳонам.

Ҷаноби Олӣ, лутфан, эҳтироми олии маро қабул фармоед.

**Шайх Мишъал ал-Аҳмад ал-Ҷобир ас-САБОҲ,**
**Амири Давлати Кувайт**

***

Инчунин, нафарони зерин табрикоти худро фиристодаанд:

Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин **Си Ҷинпин**;

Нахустин Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон **Нурсултон Назарбоев**;

Президенти Шӯрои Аврупо **Антониу Кошта**;

Президенти федералии Ҷумҳурии Федеративии Олмон **Франк-Валтер Штайнмайер**;

Сарвазири Шоҳигарии муттаҳидаи Британияи Кабир ва Ирландияи Шимолӣ **Кир Стармер**;

Президенти Ҷумҳурии Италия **Серҷио Маттарелла**;

Подшоҳи Испания **Филипп VI**;

Президенти Ҷумҳурии Словения **Наташа Пиртс Мусар**;

Президенти Маҷористон **Томаш Шуёк**;

Президенти Ҷумҳурии Литва **Гитанас Науседа**;

Президенти Ҷумҳурии Хорватия **Зоран Миланович**;

Президенти Амороти Муттаҳидаи Араб Шайх **Муҳаммад бин Зоид Ол Наҳаён**;

Сарвазири Ҷопон **Санаэ Такаичӣ**;

Президенти Ҷумҳурии Халқӣ-Демократии Алҷазоир **Абдулмаҷид Теббун**;

Президенти Давлати Фаластин **Маҳмуд Аббос**;

Иҷрокунандаи вазифаи Президенти Ҷумҳурии Мянма **Мин Аун Хлайн**;

Ноиби Президенти Амороти Муттаҳидаи Араб, Сарвазир, ҳокими Аморати Дубай **Шайх Муҳаммад бин Рошид ал-Мактум**;

Муовини Сарвазири Шоҳигарии Уммон **Фаҳад ал-Саид**;

Сарвазири Ҷумҳурии Сингапур **Ли Сян Лун**;

Саркотиби Созмони ҳамкории Шанхай **Нурлан Ермекбаев**;

Саркотиби Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил **Сергей Лебедев;**

Саркотиби Созмони давлатҳои туркӣ **Кубаничбек Омуралиев**;

Саркотиби Созмони ҳамкории иқтисодӣ **Асад Хон**;

Намояндаи махсуси котиби генералии СММ оид ба Осиёи Марказӣ, роҳбари Маркази минтақавии СММ оид ба дипломатияи пешгирикунанда барои Осиёи Марказӣ **Каха Имнадзе**;

Президенти Бонки ҷаҳонӣ **Аҷай Банга**;

Президенти Федератсияи байналмилалии ассотсиатсияҳои футбол **Ҷанни Инфантино**.

*Расидани табрикот идома дорад.*

***Аз замоне ки инсоният барои ҳаёту мамот талош меварзад, ба беҳсозии сатҳи зиндагӣ роҳу усулҳои нав ба навро ҷустуҷӯ месозад. Бе ҳеч шакку шубҳа омили асосии пешравии ҷамъият, таъмини зиндагии фаровон ба соҳаи иқтисодиёт, тиҷорат, савдо сахт марбут аст. Дар замони ҷаҳонишавӣ, ки тараққиёт бо суръати баланд пеш меравад, нақши ин соҳа беш аз пеш созанда, ҳалкунанда ва бориз ба назар мерасад. Алалхусус, рушди тиҷорат ва савдои хориҷӣ дар ин самт хело назаррас буда, СҶС (Созмони ҷаҳонии савдо) фаъолияти ин соҳаро ба танзим меорад.***

# ӮЗБЕКИСТОН АЗ УЗВИЯТ БА СОЗМОНИ ҶАҲОНИИ САВДО ЧӢ МАНФИАТДОРАД?

Дар айни ҳол 164 мамлакати дунё ба ин созмони бузургу бонуфуз аъзо буда, 95 фоизи табодули маҳсулоти хориҷиву дохилӣ тавассути он амалӣ мегардад. Дар Ӯзбекистон бошад, 97 фоизи табодули маҳсулоти кишвар ба саҳми муштараки давлатҳои аъзои ин ташкилот рост меояд.

### НАЗАРЕ БА ТАЪРИХИ ТАШАККУЛЁБИИ СОЗМОН

Созмони ҷаҳонии савдо, ки 1 январи соли 1995 ташаккул ёфтааст, яке аз созмонҳои бонуфузи дунё маҳсуб шуда, барои мувофиқ гардонидан ва ба танзим даровардани соҳаи савдои байналмиллӣ ташкил гардидааст. Дар асл оид ба соҳаи савдои байналмиллӣ соли 1947 ташкилоте созмон ёфта буд ва СҶС давоми мантиқии он мебошад. Вазифаи асосии он бо роҳи назорат кардани соҳаи иқтисодиёт муназзамӣ, шаффофият, холисиву адолатро дар соҳаи савдову тиҷорат барқарор ва устувор нигоҳ доштан аст. Бо ин васила рушди соҳаи савдо ва фаровонии тарзи зисти мардумро таъмин кардан мақсади олии созмон мебошад.

Қароргоҳи маъмурии Созмон дар шаҳри Женева воқеъ буда, қарорҳо дар ду сол як маротиба дар конференсияи вазирон қабул карда мешавад. Дар як сол як маротиба маҷлиси Шӯрои олӣ дар шаҳри Женева баргузор гашта, дар он намояндагони кишварҳои аъзои созмон, сафирон ширкат меварзанд.

Ӯзбекистон барои аъзо шудан ба СҶС соли 1995 ариза дода буд ва дар се вохӯрии гурӯҳи корӣ намояндаи Ӯзбекистон ширкат ҳам варзид, вале баъд бо баъзе сабабҳо таҳлили ариза ба таъхир гузошта шуд ва соли 2017 барои аъзо шудан ба созмон боз дубора саъю ҳаракатҳо аз ҷониби Ӯзбекистон ба амал омад. Оғози соли 2019 аз тарафи ҳукумат гурӯҳи корӣ барои ҳаллу фасл намудани масъала аз нав ҷоннок кунонида шуд ва соли 2020 ҳатто бо гурӯҳи кории созмон ҷаласаи якҷоя ҳам доир гашт. Алалхусус, 21 июни соли 2024 дар ҷаласаи панҷуми гурӯҳи кории ташкилот, ки дар шаҳри Женева баргузор шуду зиёда аз 60 намояндаи мамлакати дунё ширкат варзид, вакилони созмонҳои байналмилӣ, экспертҳои хориҷӣ иштирок намуданд. Аз ҷумла, 25 нафар намояндаи мамлакатҳои аъзо, ки ба сухан баромаданд, алалхусус, ИМА, Иттиҳоди Аврупо, Британиёи Кабир, Русия, Туркия, Индонезия, Ҷумҳурии Куриё, Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва дигарон ба СҶС аъзо шудани Ӯзбекистонро маъқул донистанд ва 19 декабри соли 2024 шартномаҳои тарафайн имзо шуданд.

Моҳи марти соли ҷорӣ маҷлиси шашуми гурӯҳи кории созмон баргузор гашт. Дар он зиёда аз 10 ҳуҷҷати мутааллиқ ба соҳаи савдо, муҳокима гардид. Чунон ки маълум мегардад, аъзо шудан ба созмони мазкур як ҷараёни мураккаб ва тӯлонӣ мебошад. Барои ба ин ташкилот аъзо шудан ба ҳисоби миёна 8-10 сол ва ҳатто аз ин ҳам зиёд вақт талаб мекунад. Масалан, барои ба созмон аъзо шудан Қазоқистон 13 сол, Русия 19 сол вақт масраф кардааст. Зеро барои аъзо шудан розигии давлатҳои узви созмон хеле муҳим ва қатъист. Ӯзбекистон қадам ба қадам дар боби аъзо шудан ба СҶС пеш меравад ва дар назар аст, ки то моҳи марти соли 2026 ба ин созмони бонуфуз аъзо шавад.

– Ба СҶС аъзо шудани Ӯзбекистон вазифаи устувор ва таъхирнопазири кишвар маҳсуб мешавад, – мегӯяд муовини вазири инвеститсия ва савдои хориҷӣ Бадриддин Обидов. – Дар ин бобат бо ҳамкории Вазорати адлия ва созмонҳои мутасаддӣ 10 гурӯҳи корӣ созмон дода шудааст, ки вазифаи асосии онҳо боз мукаммалтар омӯхтани фаъолияти созмон ва омода сохтани ҳуҷҷатҳову тезонидани суръати ҷараёни ба узвият пазируфташавии Ӯзбекистон аст.

### НАЗАРИ МУТАХАССИСОНУ ЭКСПЕРТҲО БА СҶС

Бинобар фикри мутахассисон ба узвият пазируфташавӣ ба СҶС барои тараққиёти Ӯзбекистон аз ҷиҳати иқтисодӣ такони пурзӯр мешавад. Аввало, дар асоси сармояҳои нав бисёр ҷойҳои корӣ пайдо мешавад. Истеҳсолкунандагони маҳаллӣ сифати маҳсулоташонро боло бардошта, дар бозори ҷаҳонӣ ба рақобати озоди иқтисодӣ мутобиқ мешаванд. Инчунин, барои интихоби маҳсулоти арзонбаҳову хушсифат ба истеъмолгарон шароит муҳайё мешавад.

Бино ба фикри сарходими илмии Институти байналмиллии сиёсати иқтисодии Куриёи Ҷанубӣ Со Ҷин Кён агар Ӯзбекистон ба сафи СҶС пазируфта шавад, дар табодули маҳсулот бо давлатҳои аъзо ба комёбиҳои назаррас мушарраф мешавад. Зеро ба давлатҳои аъзо як қатор имтиёзҳо дар соҳаи боҷхона ва андоз тақдим мегарданд. Масалан, дар айни замон ҳар кишвари аъзо метавонад ба маҳсулоти Ӯзбекистон тарифҳои дилхоҳашро ҷорӣ созад, вале баъде ки Ӯзбекистон ба созмон аъзо мешавад, онҳо наметавонанд чунин муносибат кунанд, яъне барои Ӯзбекистон имконият пайдо мешавад, ки ба кишварҳои аъзо камтар боҷ диҳад ё умуман надиҳад.

– Ба ғайр аз ин, барои Ӯзбекистон баҳри ворид шудан ба бозори кишварҳои аъзо шарту шароити ҳуқуқии мусовӣ ба вуҷуд меояд, – мегӯяд дотсенти Институти Боҷхона Тӯлқин Пардаев. – Дар мамлакат муҳити солими рақобат арзи вуҷуд мекунад, дараҷаи коҳиши қурби пул (инфлятсия) кам мешавад, дар савдои хориҷӣ бошад, ҳуқуқи садораткунандагон ҳимоя карда мешавад.

Дар аксарият манбаъҳо қайд мегардад, ки баробари ҷиҳатҳои афзалиятноки созмон, инчунин камбудиҳои он ҳам мавҷуд аст. Чуноне, ки эксперти байналмиллии созмон Йован Йекич таъкид менамояд, на ҳамаи ин фикрҳо дуруст аст. Масалан, яке аз фикрҳое, ки перомуни камбудиҳои ташкилот баён мешавад дар он аст, ки баъди аъзогӣ ба ташкилот тарифҳои маҳсулоти импортшаванда хеле ба дараҷаи паст мефарояд. Лекин аз рӯйи фикри мутахассиси эксперт ин тавр нест. Чунончи, дар айни ҳол аз фаъолияти берунии соҳаи иқтисодиёти Ӯзбекистон агар рӯйхати 11295 намуди маҳсулот ворид шуда бошад, ҳангоми муомилот дар ҳар намуди он музокираҳои алоҳида бурда мешавад. Яъне, маҳсулотҳое мавҷуданд, ки дараҷаи боҷсупории он ба иқтисодиёти давлат ҳеч гуна таъсири манфӣ намерасонад.

### ҚАДАМҲОИ УСТУВОРИ ӮЗБЕКИСТОН РОҲИ УЗВИЯТ БА СҶС

Ӯзбекистон тасмим гирифтааст, ки соли 2026 дар Конференсияи 14-уми вазирон, ки дар Комерун баргузор мешавад, ба СҶС аъзо шавад.

– Мо барои бомуваффақият анҷом наёфтани пазируфта шудани Ӯзбекистон ба СҶС ягон сабаби объективиро намебинем, – мегӯяд масъули вазифа Азизбек Ӯринов. – Зеро дар ин бобат Ӯзбекистон бисёр зинаҳоро паси сар кард, талабу қоидаҳои созмонро иҷро намуда, камбудиҳоро бартараф сохт. Инак, соли оянда тамоми ғайрату имкониятамонро барои пазируфта шудан ба созмон сарф месозем.

Сардиректори СҶС хонум Нгози Оконжо-Ивеала ҳам тариқи телевизиони «Ӯзбкистон-24» таъкид намудааст, ки Ӯзбекистон дар ин самт бо ҷидду ҷаҳд талош дорад. 22 сентябри соли ҷорӣ Президенти кишвар Шавкат Мирзиёев дар шаҳри Ню-Йорк бо ӯ вохӯрда масъаларо ҳаллу фасл намуданд.

– Дар моҳи ноябр ҷаласаи гурӯҳи корӣ таъин шудааст, – иброз дошт хонум Нгози Оконжо –Ивеала. – То моҳи марти соли оянда, яъне то муддати муайяншуда ҳама корҳо ба анҷом расонида мешаванд, мо масъулони созмон дар ин росто саъю кӯшиши зиёд карда истодаем.

Оре, пазируфта шудани Ӯзбекистон ба СҶС, бешубҳа, барои қадамҳои устувор ниҳодан дар роҳи пешравии иқтисодиёт, алалхусус, савдову тиҷорати мамлакат мусоидат менамояд.

**Олим ПАНҶИЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Сурхондарё.**

# ҒОЛИБОН МУАЙЯН ВА ТАҚДИР ШУДАНД

4 июни соли 2024 дар хусуси таъсис шудани Мукофоти байналхалқии ба номи Муҳаммад Ризо Огаҳӣ дар соҳаи тарҷумаи бадеӣ қарори роҳбари давлати мо эълон шуда буд.

Мувофиқи он аз ҷониби Иттифоқи нависандагон, Агентии ахбор ва коммуникатсияҳои оммавӣ, Академияи улум, Маркази маънавият ва маърифати ҷумҳурӣ Мукофоти байналхалқии ба номи Муҳаммад Ризо Огаҳӣ дар соҳаи тарҷумаи бадеӣ таъсис карда шуд.

Қарор гардид мукофот аз соли 2025-ум дар ду сол як маротиба дар самтҳои:

– Беҳтарин тарҷумаи насри адабиёти ӯзбек ба забонҳои хориҷӣ;

– Беҳтарин тарҷумаи назми адабиёти ӯзбек ба забонҳои хориҷӣ;

– Беҳтарин тарҷумаи адабиёти бачагонаи ӯзбек ба забонҳои хориҷӣ;

– Беҳтарин тарҷумаи насри адабиёти ҷаҳон ба забони ӯзбекӣ;

– Беҳтарин тарҷумаи назми адабиёти ҷаҳон ба забони ӯзбекӣ;

– Беҳтарин тарҷумаи адабиёти бачагонаи дунё ба забони ӯзбекӣ

гузаронида шуда, ҳар як ғолиб бо дипломи махсус, нишони сарисинагӣ ва ба миқдори 300 баробари ҳисоби базавӣ бо мукофоти якдафъаинаи пулӣ тақдир шавад.

Дар озмун ҷамъ 60 нафар мутарҷимон бо корҳои эҷодиашон иштирок намуданд. Асарҳои пешниҳодшуда аз ҷониби экспертҳо, мутахассисони забонҳои хориҷӣ, мутарҷимон ва адабиётшиносҳо амиқ таҳлил гардиданд. Олимон-адабиётшиносони як қатор макотиби олӣ ва АУ Ӯзбекистон низ дар дида баромадани осори довталабон ва аниқ сохтани ғолибон иштирок намуданд.

Аз рӯйи ҷамъбасти озмун, ки ба наздикӣ рӯйи кор омад, дар самти «Беҳтарин тарҷумаи насри адабиёти ӯзбек ба забонҳои хориҷӣ» намояндаи Арабистони Саудӣ Саид Маҳмуд Саид Мубашшир, дар самти «Беҳтарин тарҷумаи назми адабиёти ӯзбек ба забонҳои хориҷӣ» эҷодкори русиягӣ Михаил Синелников, дар самти «Беҳтарин тарҷумаи адабиёти бачагонаи ӯзбек ба забонҳои хориҷӣ» адибаи ҳиндустонӣ Шаменаз Бано пирӯз шуданд.

Ҳамчунин дар самтҳои ба ӯзбекӣ баргардондани осори насрӣ, шеърӣ ва кӯдаконаи адабиёти дунё Иброҳим Ғафуров, Абдулло Шер, Тоҳир Қаҳҳор ва Нодирабегим Иброҳимова ғолиб омада, ба гирифтани мукофоти нуфузнок сазовор гардиданд.

Дар номинаи иловаи рағбатноккунанда Вафо Файзулло, Валӣ Саваш Элок (Туркия) ва эҷодкори ҷавон Саидҷалол Саидмуродов ба гирифтани мукофот муносиб дониста шуданд.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

***Имрӯзҳо дар гӯшаву канори кишварамон тантанаҳои идона бахшида ба фарорасии соли нави 2026 барпо мегарданд ва мардум якдигарро бо ин ид табрику таҳният гуфта, шукри замонаи ободу озод ва тинҷу осуда карда, ба ватани зебоямон, ки дар он шаҳрвандони миллатҳои гуногун дар зери осмони софу беғубор дӯсту бародарвор ва ҳамҷиҳат умр ба сар мебаранд, чашм нарасад мегӯянд.***

# МУЪҶИЗА ВА РУҲИЯТИ ИДОНА ДАР ӮЗБЕКИСТОНИ НАВ

Дар павилони марказҳои миллӣ-фарҳангии назди Кумитаи доир ба муносибатҳои байнимиллӣ ва масъалаҳои ҳамватанони бурунмарзӣ бо ҳамкории ҳокимияти шаҳри Тошканд чорабинии идона таҳти шиори «Муъҷиза ва руҳияти идона дар Ӯзбекистони Нав» баргузор гардид.

Павилон намуди идона дошт. Арчаи ҳамешасабз бо бозичаву чароғакҳои худ ва Бобои Барфиву Барфак ба шукӯҳи майдон меафзуд. Намояндагони миллатҳои мухталиф утоқҳои худро моҳирона оро дода, урфу одат, суруду тарона, либос, таомҳои гуногун ва дигар арзишҳои миллии худро пешкаши тамошобинон намуданд.

– Ман аз он меболам, ки дар чунин диёри обод, ки мардумаш ватанпарвар, инсондӯст ва меҳнаткаш аст, дар қатори дигар миллатҳо хушбахтона ҳаёт ба сар мебарам. Президенти кишварамон барои мо – миллатҳо шароити хубу созгор муҳайё намудааст. Ҷашнвора ва дигар чорабиниҳои худро дар боғи «Дӯстӣ» – дар утоқҳои худ бо табъи болида мегузаронем. Тамоми мардуми бародари Ӯзбекистонро бо иди Соли нав аз номи Маркази миллӣ-фарҳангии туркман муборакбод менамоям, – мегӯяд раиси маркази номбурда Гулдана Авездурдиева.

Дарҳақиқат, ҷашн гирифтани Соли нав шукуҳи тоза дорад. Ҳар як шахс интизор аст, ки дар соли нав орзуву армонҳояш иҷобат гардад. Камоли фарзандону набераҳояшро бинад.

– Соли сипаришуда барои марказҳои миллӣ-фарҳангӣ, аз ҷумла маркази миллӣ-фарҳангии тоҷикони ҷумҳурӣ соли пур аз бурдбориҳову дастовардҳо буд.

Дар давоми сол зодрӯзи якчанд нафар шоиру нависандаро гузарондем, дар мактабу донишкадаву донишгоҳҳои таҳсилашон ба забони тоҷикӣ маҳфилҳои «Китобхони беҳтарин», «Китоб – дӯсти мо», «Хирадманд» ва ғайра гузаронда шуд. Ба ҷумҳуриҳои ҳамсоя бо намояндагони миллатҳо сафарҳои эҷодӣ ташкил намудем. Аз фурсат истифода бурда, халқи инсондӯст ва меҳнаткаши Ӯзбекистонро бо иди Соли нав аз номи Маркази миллӣ-фарҳангии тоҷикони ҷумҳурӣ табрик менамоям. Соли нав ба хонадони мо фаровонӣ, бахт ва сулҳу осоиштагӣ ато намояд, – мегӯяд раиси Маркази мадании тоҷикони ҷумҳурӣ Гуландом Субҳонова.

Дар хотима ба фаъолони марказҳо туҳфаҳои солинавӣ супурда шуданд.

**Саодат БЕКНАЗАРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

# ИСЛОҲОТИ СОҲАИ ТАЪЛИМ – ПОЯИ РУШДИ МАМЛАКАТ

(Аввалаш дар саҳ.1).

Дар соли хониши 2023-2024 дар кишварамон 219 муассисаи таълими олӣ фаъолият дошт. Аз ин миқдор агар 31-тоаш ташкилотҳои таълими олии хориҷӣ бошанд, 93-тоашон муассисаҳои таълими олии ғайридавлатианд.

Рушди ҳар як мамлакат, аз ҷумла кишвари мо, ба ҷавонони зуккову донишманд вобаста аст. Ин аст, ки тайёр кардани кадрҳои донишманд ба дараҷаи сиёсати давлатӣ бардошта шудааст.

Аз ҷумлаи шароите, ки барои ҷавонон баҳри ба даст овардани дониш ва малакаҳои муосир фароҳам оварда шудаанд, инҳоанд:

Якум, ҷуброни кафолат ва пардохтҳои фоизӣ барои хариди компутер тавассути қарзҳои истеъмолӣ барои ҷавононе, ки курсҳои омӯзиширо дар доираи лоиҳаи «Як миллион барномасоз» бомуваффақият хатм кардаанд, инчунин барои ҷавононе, ки донишҷӯ ё хатмкунандагони резидентҳои IT-парк мебошанд.

Дуюм, омодасозии ҳатмии кӯдакон барои як соли омодагии ройгони мактабӣ пеш аз оғози таҳсил.

Сеюм, имконияти таҳсил ва мубодилаи таҷриба дар соҳаи идоракунии муосир тавассути клуби «Пешвоёни оянда».

Чорум, имконияти таҳсил дар курсҳои омӯзишии технологияҳои иттилоотии ташкилотҳое, ки резидентҳои лоиҳаи «Як миллион барномасоз» ва IT-парк мебошанд.

Панҷум, фароҳам овардани шароит барои ҷавонон барои ба даст овардани касбҳои муосир ва роҳнамоии онҳо ба касб.

Ба ин мақсад дар ҳамаи минтақаҳо мактабҳои Президент ва ихтисосӣ ташкил шудаанд, ки ба муайян кардани иқтидори ҷавонон ва ба самти дуруст равона кардани онҳо сарукор доранд. Ин мактабҳо ҷавононро хеле рағбатнок намуданд, дар онҳо хоҳиши дар чунин мактабҳо таҳсил гирифтан зиёд шуд.

Роҳбари давлатамон ҷавонони донишмандро, барҳақ, «фонди тиллоӣ»-и мамлакат номидааст. Имсол авлоди нави чунин ҷавонон мактабҳоро хатм менамоянд. Ҳоло ба мақсади фароҳам овардани таҳсил барои чунин ҷавонон бо ташаббуси Президент Донишгоҳи давлатии «Ӯзбекистони Нав» ташкил дода шудааст, ки табъи дили ҷавонон мебошад.

Мактабҳо танҳо маскани таълим нестанд, бояд дар онҳо инсони комил низ тарбия ёбад. Аз ин рӯ, корҳои маънавию тарбиявӣ қисми ҷудонопазири таълим мебошад.

Барои пур кардани ин холигоҳ ташаббуси муҳим ба миён гузошта шуд. Он консепсияи ғояи ягонаи миллиест, ки аз кӯдакистон то муассисаҳои таълими олиро фаро мегирад.

Бале, ислоҳот дар муассисаҳои таълими томактабӣ, мактабӣ ва олӣ пайгирона ба амал татбиқ мешаванд, ҳадафи ниҳоӣ аз ин ислоҳот баланд бардоштани сифати таълим ва тарбияи инсони комил мебошад. Умед аст, кн ислоҳоти созанда дар кӯдакистон, мактабҳои таълими ҳамагонӣ ва гурӯҳҳои тоҷикии муассисаҳои таълими олӣ натиҷаи матлуб мебахшанд.

– Аз соли 2014 то соли 2022 дар мактаби миёнаи рақами 43-юми ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ таҳсил гирифтам. Баъд аз супоридани имтиҳон, соли 2022 ба Мактаби Президент, воқеъ дар шаҳри Навоӣ, қабул шудам, – гуфт донишҷӯйи курси аввали факултети идоракунии саноати Донишгоҳи давлатии Ӯзбекистони Нав Амирхони Тоҷиддин. – Дар он ҷо се соли омӯзиши фанҳои махсус ба донишу ҷаҳонбинии ман афзуд. Забони англисӣ омӯхтам, дар соҳаи математика ба худ каме эътимод ҳосил шуд, шаҳодатномаҳои вобаста ба ин самтҳоро гирифтам ва аз ҳама муҳимаш, дӯстони зиёде пайдо намудам. Дар он мактаб имкониятҳои хуб фароҳам оварда шуда буд, ба мо беҳтарин ва таҷрибаноктарин омӯзгорони кишвар таълим медоданд. Муҳити омӯзиш, ҷустуҷӯйи дониш ва шавқи доимӣ ба омӯхтани чизҳои нав дар ин мактаб хеле баланд буд. Ба ҷуз ин, ғизо ва хобгоҳ барои ҳамаи хонандагон ройгон буд, ки аз ҷиҳати молиявӣ онҳоро дастгирӣ мекард ва имкон медод танҳо ба таҳсили худ диққати бештар диҳанд.

Соли 2025 таҳсили мактаби миёнаи ман ба анҷом расид ва хеле хушҳол будам, зеро аллакай бо бурсияи пурраи чорсола ба яке аз беҳтарин ва бонуфузтарин донишгоҳҳои Ӯзбекистон – Донишгоҳи Ӯзбекистони Нав қабул шуда будам.

**Саодат БЕКНАЗАРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

***Толибилми синфи 11-уми мактаб-интернати махсусгардонидашудаи рақами 1-уми шаҳри Навоӣ Иброҳим Яндиллаев дар имтиҳони байналмилалии SAT иштирок намуда, муваффақ шуд 1590 хол ба даст орад. Ҳадди аксари хол дар имтиҳони SAT— 1 600 хол мебошад.***

# МУВАФФАҚИЯТИ ИБРОҲИМ

Натиҷаи бадастовардаи Иброҳим натанҳо комёбии шахсӣ, балки ҳамчун нишондиҳандаи рекордӣ дар таърихи таълими вилояти Навоӣ низ эътироф мегардад.

Ин муваффақият далели равшани он аст, ки талоши ҷавонон ба дониш, омодабинии мунтазам ва таълими босифат самари воқеӣ медиҳад. Муҳимтар аз ҳама, чунин дастовард барои ҳазорон ҳамсолон манбаи қавии ҳавасмандӣ ва боварӣ аст.

Бояд таъкид дошт, ки соли хониши гузашта 65 нафар хатмкунандагони ин мактаб (100 фоиз) ба донишгоҳҳои кишвар дохил шуда 70 фоизи онҳо бо гранти давлатӣ донишҷӯ шудаанд.

Имтиҳони SAT – «тести баҳогузории академикӣ» буда, имтиҳони байналмилалист, ки барои санҷидани маҳорати тафаккури интиқодӣ ва қобилияти таҳлилии довталабон баргузор мегардад. Ҷавононе, ки мехоҳанд дар донишгоҳҳои бонуфузи ҷаҳон таҳсил кунанд, одатан бояд сертификати SAT дошта бошанд.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
*Вилояти НАВОӢ.*

*Адиз БОБОЕВ:*

# ХИДМАТИ СИДҚИДИЛОНА БА ХАЛҚУ ВАТАН МАСЪУЛИЯТИ ОЛИСТ

***Паёми пурмазмун ва пурмуҳтавои сарвари давлатамон муҳтарам Шавкат Мирзиёев ба Маҷлиси Олӣ ва мардуми Ӯзбекистон бешубҳа Барномаи пешрафт ва бунёдкории кишвари маҳбуби мо мебошад, ки ҳама – пиру барно бо ҷону дил пазируфтанд ва аз пайи иҷрояш мебошанд. Боиси ифтихору хушнудист, ки дар Мурочиатнома барои боз ҳам ривоҷу равнақ ва салоҳияти Самарқанд диққату эътибори махсус дода шудааст. Ба ҳамин муносибат хабарнигори мо бо ҳокими вилояти Самарқанд Адиз Бобоев сӯҳбат орост, ки пешкаши хонандагони рӯзномаи « Овози тоҷик» мегардад.***



**– Муҳтарам Адиз Музаффарович, пас аз он, ки ҳокими вилояти Самарқанд таъин шудед, аз дилатон чиҳо гузашт?**

– Самарқанд на танҳо аз куҳантарин шаҳрҳои Осиёи Марказӣ, балки боз яке аз марказҳои тамаддуни ҷаҳон аст. Роҳбарӣ дар чунин як маркази таърихӣ ва фарҳангӣ, бешубҳа, ҳам шараф, ҳам масъулияти бузургест.

Чанде пеш бо иштироки Президент иҷлосияи ғайринавбатии Шӯрои намояндагони халқи вилояти Самарқанд баргузор гардид ва муҳтарам Шавкат Мирзиёев нисбати шаҳри мо аз ҷумла гуфтанд: «Ин сарзамини бузург, ки дар худ таъриху арзишҳои чандҳазорсоларо таҷассум кардааст, дар заминаи анъанаҳои меъмории муосир рӯз то рӯз зеботар мегардад, мавқеи худро дар тамаддуни ҷаҳонӣ торафт мустаҳкамтар менамояд. Бахусус, бунёди Маркази байналмилалии сайёҳии «Роҳи бузурги абрешим», обод гардидани беш аз 40 зиёратгоҳи муқаддас, аз нав сохта шудани фурудгоҳи байналхалқии «Самарқанд», ба кор шурӯъ кардани даҳҳо меҳмонхонаи бренди байналмилалӣ, ба маркази сиёсӣ, иқтисодӣ, сайёҳӣ ва тиҷоратӣ, майдони мулоқот барои чорабиниҳои бузург, аз ҷумла иҷлосияи 43-юми Конфронси генералии ЮНЕСКО дар ҳақиқат воқеаи таърихӣ гардиданд».

Барои ривоҷу равнақи иқтисодиву иҷтимоии ҳудуд қарорҳои Президент қабул гардида, дастурҳои давлатӣ тасдиқ шудаанд. Манбаъҳои маблағгузорӣ низ аниқу возеҳанд. Аз мо таъминоти бечунучарои иҷрои ин ҳуҷҷату дастурҳои барои рушди иқтисодиёти вилоят ва баланд бардоштани дараҷаи зиндагии аҳолӣ тақозо карда мешавад.

Барои тасдиқи ин гуфтаҳо зикри баъзе рақамҳоро зарур мешуморам. Дар давоми нӯҳ моҳи соли равон ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот 87,5 триллион сӯмро ташкил дод. Аз ҷумла ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ 45,8 триллион, хоҷагии қишлоқ 44,4, хидматрасонӣ 60,3, бунёдкорӣ, 15 триллион афзуд. Тӯли даҳ моҳ ба вилояти мо дар ҳаҷми 1 миллиарду 983 миллион доллари америкоӣ сармояи хориҷӣ ворид гашта, ба миқдори 848,9 миллион доллар маҳсулот содир шуд. Дар натиҷа 318,2 ҳазор ҷойи корӣ ба вуҷуд омада, як қисми аҳолӣ бо кори фоидаовар таъмин гардид.

Дар асоси дастури «Аз нодорӣ – ба фаровонӣ» 101 маҳалла обод шуд. Агар дар оғози сол сатҳи нодорӣ 7,5 фоизро ташкил карда бошад, ҳоло ин то ба 3,5 фоиз коҳиш ёфт. Ният дорем онро то Соли нав боз ҳам коҳиш диҳем.

Сохтмону бунёдкорӣ низ авҷ гирифт. Шаҳру ноҳияҳои вилоят, бидуни муболиға ба майдони сохтмон табдил ёфтаанд. Танҳо соли равон дар қаламрави вилоят 936 иншооти нав қад афрохт, 12,5 ҳазор нафар бӯрёкубон карданд. Дар шаҳри Самарқанд, ноҳияҳои Тайлоқ, Ургут, Булунғур ва ғайра минтақаҳои «Ӯзбекистони Нав» бунёд шуданд, аҳолӣ соҳиби хонаҳои хушсохту замонавӣ гардиданд.

Пӯшида нест, ки солҳои дароз минтақаи паси роҳи оҳани шаҳр, ки мардуми Самарқанд онро «залиния» меноманд, аз эътибор дур буд. Дар он ҷо дар асоси реноватсия корҳои муфиди бунёдкорӣ авҷ гирифтанд. Алҳол дар ин минтақа барои сад ҳазор аҳолӣ дар 301 гектар майдон сохтмони биноҳои истиқоматӣ, мактабу кӯдакистон, марказҳои фарҳангӣ, тиббӣ, варзишӣ,савдо, боғу бӯстонҳои истироҳату фароғат сохта мешаванд. Ғайр аз ин дар шаҳри Самарқанд бо иштироки хазинаи бонки тараққиёти Абу-Дабӣ барои таъминоти аҳолӣ бо оби ошомиданӣ ва бехатарии роҳ ба арзиши 225 миллион доллар корҳои бунёдкорӣ муташаккилона идома доранд. Дар асоси лоиҳаи мазкур сохтмони ду нақб ва чаҳор роҳи зеризаминӣ барои пиёдагардон оғоз ёфтанд. Таъмиру тармими 12 километр роҳи марказӣ ба охир расид.

Дар кӯчаи «Ӯзбекистон» ба ҷойи собиқ госпитали ҳарбӣ боғи истироҳату фароғати бачагон барпо шуд.

Минтақаи маҷмӯаи Имом Бухорӣ, ки бо ташаббусу дастгирии сарвари давлат бо услуби меъмории замонавӣ ва муносиби мақоми муҳаддиси бузург аз нав бунёд мегардад, ба яке аз марказҳои калонтарини зиёратгоҳи олами ислом табдил меёбад. Сохтмону ободонӣ дар ин қадамҷо зери назорати қатъии ҳокимияти вилоят қарор доранд. Дар Маҷмааи Имом Мотрудӣ низ бо супориши Президент бунёдкориҳо амалӣ мешаванд.

Оре, агар ҳоло дар байни мардум набошед, бо халқ бевосита мулоқот накунед, онҳо чӣ зиндагӣ, чӣ фикру андеша доранд, ислоҳот дар ҷойҳо чӣ натиҷа медиҳанд, дарк карда наметавонед. Бояд таъкид намуд, ки дар байни мардум будан, дарду ҳасрати онҳоро шунидан, аз талаботи асосии Президенти мамлакат аст. Ба ман одат шудааст, ба кадом шаҳру ноҳияи вилоят, гузару маҳаллаҳои дурдасти он наравам, ғайр аз мулоқот бо роҳбарони он ҷойҳо, ғайричашмдошт ба дигар манзил ташриф оварда, бо аҳолӣ низ суҳбат мекунам, ба арзи дили онҳо гӯш медиҳам.

**– Самарқанд маскани таҳаммулпазир ва аҳолиаш гуногунмиллат аст. Барои боз ҳам мустаҳкам намудани дӯстии халқҳо чӣ корҳо амалӣ мешаванд?**

– Самарқанд аз азал ҳудуди сермиллат мардумаш ҳамчун фарзандони як оила аҳлу тифоқ зиндагӣ мекунанд. Эҳтирому ҳифзи забон, фарҳанг, урфу одат сиёсати оқилона ва устувори давлат мебошад. Ҳоло дар вилоят даҳҳо маркази миллӣ-фарҳангӣ фаъолияти пурсамар мебаранд. Идораи онҳо дар қасри «Дӯстӣ» ҷойгир аст. Чанде пеш ман дар ин қасри бошукӯҳи фарҳангӣ будам ва бо роҳбарону фаъолони марказ суҳбат оростем.

«Бародарӣ – баробарӣ» мақоли хуби тоҷикист, ки фалсафаи фарохдилии тамоми минтақаро инъикос менамояд. Боиси ифтихору хушнудист, ки бахусус тоҷикону ӯзбекҳо дар ин минтақа аҳлу тифоқанд. Онҳо чунон омезиш ёфтаанд, ки нишонаҳои неки онро дар тамоми рӯзгори моддӣ ва маънавии мардум метавон пайдо кард. Беш аз ҳазор сол аст, ки таърих, забон, адабиёт, расму оин ва ба таври куллӣ фарҳанги ин ду миллат ба ҳамдигар таъсири мутақобила доранд Муштаракоти ин ду халқ то ҷоест, ки аксар онҳоро аз якдигар ҷудо кардан мушкил аст. Агар ба забони ин ду миллат таваҷҷӯҳ намоем, мебинем, ки вожаҳои тоҷикӣ ё ӯзбекӣ вориди забони якдигар гардида, хазинаи луғавии забонашонро ғанӣ сохтаанд. Дар чунин лаҳзаҳо шеъри шоир Эркин Воҳидов ба хотир мерасад:

*Сухани бир, сӯзи бир,*
*Маслаги бир, кӯзи бир,*
*Дили биру ӯзи бир –*
*Ӯзбек билан тоҷикнинг!*

Муштариёни рӯзномаи «Овози тоҷик» огоҳ ҳастанд, ки соли 2018 дар таърихи муносибатҳои дӯстонаи халқҳои тоҷику ӯзбек саҳифаи нав боз шуд, ки он бо хати заррин сабт хоҳад ёфт. Ин муносибатҳои неку созанда, бешак, бо ибтикору дурандешии Президенти мамлакатамон муҳтарам Шавкат Мирзиёев ва Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рӯйи кор омаданд.

**(Давомаш дар саҳ.4).**

***Соли нав ҷашнест, ки кулли оламро муттаҳид мекунад, вале онро мардуми ҳар як кишвар ба тарзи хос аз мушакпарониҳои гулдурросӣ то ойинҳои орому осудаи оилавӣ, аз туҳфа ва армуғонҳои рамзӣ то маросимҳои муъҷизавӣ, анъанаву одатҳои нодири хешро дар ин тантанаҳо таҷассум намуда, истиқбол мегирад.***

***Биёед, ба даҳ кишвари олам сафар мекунем, то ҳадди ақалл дар онҳо бо чӣ рангу чӣ тавр истиқбол гардидани соли нав ошно бишавем.***

# СОЛИ НАВ: ОЙИНҲО ВА ХОСТҲО

**Дар Русия Соли нав** метавон гуфт, ҷашни аз ҳама маҳбуб ва деринтизор аст. Онро дар давраи оилаву дӯстон, дар атрофи дасторхони сернозу неъмат пешвоз мегиранд. Махсусияти асосии он баробари салати «оливе», мандарин, нӯшокии спиртии шампан, албатта, занги соат дар манораи Спаскии Кремл аст. Тахти зангӯлаи он изҳори орзуву умедҳо, кушодани шишаи нӯшокии шампан ва қадаҳгӯйӣ ба вуқӯъ мепайвандад. Дар он ҳузури Бобои Барфиву Духтари Барфӣ, ҳамчунин арчаи сарсабзи бо шилшилаву бозичаҳо ороёфта низ ҳатмист. Ин ҷо бояд гуфт, ки ин тарзи истиқболи Соли нав дар атрофи арчаи сабзу дасторхони серу пур тӯли чандин сол ва то имрӯз дар ватани мо низ роиҷ аст.

**Соли нави Чин** ё худ **Ҷашни баҳор** мувофиқи тақвими қамарӣ (моҳтобӣ) қайд карда мешавад, бинобар ҳамин ҳам ин сана ҳар сол тағйир меёбад. Он замони муттаҳид шудани оилаҳо аст, аз ин рӯ аксар чиниён ба сафарҳои дарозмуҳлат мебароянд, то ки ҷашнро дар ҳамбастагӣ бо қарибони худ гузаронанд. Кӯчаҳоро бо чароғҳои сурх, хонаҳоро бошад, бо тасвирҳои аждаҳоён зебу оро медиҳанд. Дар шаби Соли нав мушакпаронӣ мекунанд, то ки арвоҳи зишт, яъне иблисҳоро гурезонанд.

**Дар Ҷопон Соли нав** ё худ **Осегаса** айёми покшавӣ ва ибтидои ҳаёти нав аст. Ҷопониён чанд рӯз пештар аз ҷашн хонаҳояшонро поку тамиз мекунанд, то аз ҳама гуна ашёи кӯҳнаву нодаркор халос хӯранд. Дар шаби Соли нав зангӯлаи маъбадҳо 108 бор садо медиҳад, ки рамзи покшавӣ аз 108 ташвиши дунёст. Дар наҳор хӯрдани самбӯсаҳои биринҷии мот расм шудааст, ки рамзи дарозумрист.

**Мардуми Италиё Соли нав**ро васеъ ва хеле хушнудона пешвоз мегиранд. Дар дасторхон ҳатман чечевитса (наск – шӯрбои наск) мегузоранд, ки тимсоли дороӣ ва шукуфоӣ мебошад. Яке аз анъанаҳои ғайриоддитарин аз тиреза берун афкандани чизу чораҳои кӯҳна аст, ки маънии хонаро барои соли нав озод карданро дорад. Дар баъзе минтақаҳои кишвар мушакпарронӣ ва сурудхонӣ низ расм шудааст.

**Дар Испания Соли нав** айёми хурсандиву рақсу бозист. Махсусияти асоситарини он истеъмоли 12 дона ё ғуҷуми ангур тахти занги соат (курант), яъне дар ҳар кадом занг хӯрдани як дона ангур мебошад. Ҳар кадом ғуҷум тимсоли як моҳи соли фарорасида аст ва агар ҳамаи донаҳоро сари вақт хӯрда тавонед, Соли нав барои шумо соли хубу бахосият ҳисобида мешавад. Дар кӯчаву хиёбонҳои шаҳрҳо шабнишинҳои хурсандона баргузор мешаванд, одамон то субҳ сурудхонӣ ва рақсу бозӣ мекунанд.

**Соли навро дар Бразилия** дар пляж – соҳили баҳру дарёҳо бо сару либоси сафед пешвоз мегиранд, ки рамзи сулҳу салоҳ ва тозагӣ аст. Одамон ба Худои баҳр – Еменҷ гулу гулдаста, шамъ ва чизҳои дигар туҳфа меоваранд. Дар нимишабӣ аз болои 7 мавҷ парида гузаштан ва дар дил орзуву ҳавас парваридан расм шудааст.

**Дар Юнон Соли нав** ҳамчун Рӯзи Василии Муққадас машҳур аст ва ба анъанаҳои динӣ сахт марбут мебошад. Тимсоли асосии ҷашн «нушобаи Василий», самбӯсаи ширин мебошанд, ки бо тангаҳо омехта тайёр карда мешавад. Ҳар нафаре, ки пораи тангадор насиб мекунад, дар соли нав шахси омаднoктарин шумурда мешавад. Ҳамчунин ба хонаи дӯст ё худ ҳамсоя сангпартоӣ низ расм аст, агар санг вазнин бошад, рамзи дороӣ, агар сабук – тимсоли нодорист. Юнониён бовар доранд, ки санг ҳар қадар бештар афканда шавад, соли нав ҳамон андоза соли баомад мегардад.

**Соли нави Шотландия** бо номи **Хогманай** хеле пуртантана таҷлил мегардад ва чандин рӯз давом мекунад. Аз ҷумлаи анъанаҳои аз ҳама муҳими он «меҳмони нахустин» аст. Шотландиён бовар доранд, ки пою қадами ҳар нафари пас аз нисфишабӣ ба хонаашон воридшуда, ба онҳо ва хонаводаашон барои тамоми сол омад меоварад. Меҳмони олии аввалин ин марди мӯйсиёҳест, ки ангиштсанг, нон, намак ва вискӣ меоварад, ки онҳо тимсоли гармӣ, таом, фаровонӣ ва кайфияти аъло мебошанд. Дар Эдинбург ҷашнҳои муҳташам бо чароғдаргиронӣ, консерт ва мушакпаронӣ баргузор мешаванд.

**Дар Фаронса Соли нав** ё худ **Сен-Силвестр** айёми хушбинӣ ва романтика мебошад. Нишонаҳои асосии он нӯшокии шампан ва албатта таоми беҳтарин аст. Фаронсавиён шабнишиниҳои серу пурро бо рақсу бозӣ дар ҷамъияти дӯстону қарибон мегузаранд, дӯст медоранд. Майдони Елисейи Париж ба яке аз майдонҳои азими ҷашнӣ табдил меёбад. Дар инҷо консертҳо ва мушакпаррониҳои бузург ба вуқӯъ меоянд.

**Дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико** Соли нав бо воқеаи мазҳабӣ дар хиёбони Таймси Нюйорк – «Афтиши пуффак» таҷассум мегардад. Ҳазорҳо нафар ҷамъ меоянд, то чӣ гуна дар сонияҳои охирини соли сипаришаванда оҳиста-оҳиста паст фаромадани пуффаки бузурги дурахшонро бо чашмони худ бубинанд. Дар ИМА ҳамчунин додани ваъдаи солинавӣ – орзу парваридану дар соли нав ба он муваффақ шудан анъана шудааст. Дар шаҳрҳои мухталиф консертҳо, мушакпаронӣ ва шабнишиниҳо баргузор мешаванд.

Ҳар кадоме аз ин кишварҳо барои таҷлили Соли нав нуқтаи назари нотакрори миллии худро пешниҳод мекунанд, ғановати анъанаҳои фарҳангӣ ва орзуву ҳаваси умумии мардумонашонро ба навшавӣ дар соли фарорасанда намоиш медиҳанд.

**Ораш АКАБОЕВ,**
**донишҷуйи соли чоруми**
**Донишгоҳи давлатии забонҳои**
**ҷаҳони Ӯзбекистон.**

*Барномаи миллии «Макони сабз» – дар амал*

# НИҲОЛШИНОНӢ ХУБ ГУЗАШТ

***Барномаи миллии «Макони сабз» дар шароити мураккаби экологӣ аҳамияти муҳим пайдо карда, ба маъракаи умумихалқӣ табдил ёфтааст ва алҳол дар вилояти Бухоро низ бо рӯҳбаландӣ татбиқ мегардад.***

Тирамоҳи соли равон дар вилоят 9 млн.712 ҳазор бех ниҳоли дарахтони гуногун шинонда шуданд. Дар ноҳияи Когон 500 ҳазор бех, аз ҷумла, дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Сухор барои бунёди боғи истироҳати маданӣ 10 ҳазор бех ниҳоли дарахтони гуҷум, сафедор, акатся ва ғайра шинонда шуданд. Ин кор дар ноҳияҳои Ғиждувон, Қаровулбозор, Бухоро, Шофиркон низ бо рӯҳбаландӣ гузашт. Дар ноҳияи Бухоро бо ташаббуси ҳокимияти вилоят ва Садорати таълими томактабӣ ва мактабии вилоят «Боғи устодон» кушода шуда, дар он қариб ҳазор бех ниҳоли дарахтони мевадеҳ нишонданд. Дар ин маърака беш аз 500 нафар корманди соҳа фаъолона иштирок карданд. Метавон гуфт, ки ин мавзеъ на фақат дар маҳаллаи «Истиқбол», балки дар вилоят ба яке аз ҷойҳои хушманзара ва пурфайз табдил хоҳад ёфт.

Дар ноҳияи Шофиркон ҳам 1 миллиону 100 ҳазор бех ниҳоли дарахтони мевадеҳу манзаравӣ нишонда шуданд.

Дар ин ҷараён ҳамаи соҳаҳо иштироки фаъолона доранд. Ин ҳаракат дар дигар мавзеъҳои вилоят низ сурат гирифт.

**А. АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**



*Ба кӯдакони Хона-интернати «Мурувват»-и бачагони маълӯл, ки дар шаҳри Фарғона ҷойгир аст, ба муносибати ҷашни Соли нав туҳфаҳои Президент ботантана супорида шуданд.*

*Дар ҷараёни чорабинӣ баробари супурдани туҳфаҳои Президент барои онҳо орзуву ниятҳои нек изҳор гардиданд. Баромади тарбиягирандагони интернат бошад, ба ҳозирон хеле писанд омад.*

*Ҷамъомадагон ҳамчунин бо шароите, ки дар Хона-интернати «Мурувват» барои таълиму тарбия ва саломатии онҳоро мустаҳкам кардан фароҳам омадаанд, шинос гардиданд. Ҳоли ҳозир дар ин муассиса ба 235 нафар кӯдакон хидмати тиббиву иҷтимоӣ расонида мешавад.*

***Хидмати матбуоти ҳокимияти вилояти Фарғона.***

# ҲАВАСМАНДГАРДОНИИ ҶАВОНОНИ ВАРЗИШГАР

***Дар деҳаи Варзики ноҳияи Чуст таҳти роҳбарии раиси ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Пилол Маҳмудҷон Аҳмедов бо мақсади кумак ба оилаҳои камбизоат чорабинии хотирмон баргузор гардид.***

Дар он кормандони идораи маҳалла, мактаб, падару модарон ва фарзандони хонаводаҳои ниёзманд, инчунин раиси бунёди «Нуронӣ»-и ноҳияи Чуст Ҷӯрахон Мираҳмедов ҳозир шуданд.

Дар чорабинӣ ба 8 нафар фарзандони оила-ҳои камбизоат либосҳои варзишӣ тақдим карда шуданд. Чунин таваҷҷуҳ ва ғамхорӣ ба ҷавонони варзишгар рӯҳи тозаю кайфияти хуб бахшид.

– Таълиму тарбияро, – гуфт омӯзгори собиқадор, вакили бунёди «Нуронӣ»-и ноҳия Ҳабибҷон Ғафуров, – фақат ба ӯҳдаи мактаб нагузошта, мо низ ба одобу ахлоқ ва эҳтиёҷи бачагон боэътибор бошем. Аз ҳисоби бунёди «Нуронӣ» ба чунин оилаҳо боз ёрии иҷтимоӣ расонда, ашё ва дигар анҷомҳои хониш туҳфа мекунем.

**Ш. МИРЗОЕВ.**
*Вилояти НАМАНГОН.*

*Адиз БОБОЕВ:*

# ХИДМАТИ СИДҚИДИЛОНА БА ХАЛҚУ ВАТАН МАСЪУЛИЯТИ ОЛИСТ

(Аввалаш дар саҳ.3).

Яъне барои муоширати ва рафту омади озодонаи шаҳрвандони ҳар ду кишвар ҷиҳати дидорбинии хешу табор, ёру дӯстон ва саёҳату тиҷорат шароит фароҳам оварда шуд.

Ҳоло дар гузаргоҳи «Ҷартеппа – Саразм», ки дар ноҳияи Ургут воқеаст, барои рафтуомад тамоми шароит муҳайёст. Чанде пеш бо иштироки Президент нахустин поезд тавассути гузаргоҳи мазкур ба минтақаи озоди иқтисодии Ургут гузашт. Чунин иқдоми неку созанда аз он гувоҳӣ медиҳад, ки минбаъд ҳамкорӣ бо Тоҷикистони бародарӣ дар самтҳои иқтисодӣ, фарҳангу варзиш ва ғайра боз ҳам ривоҷу равнақ хоҳад ёфт.

**– Воқеан, дар Самарқанд барои густариш ёфтани иқтисодиёт кадом самтҳо мавқеи асосӣ доранд?**

– Агар даҳ-понздаҳ сол муқаддам ба ин савол хоҷагии қишлоқ, гӯён посух медодем, имрӯз бидуни мубоилиғa сайёҳӣ, саноат, соҳаҳои гуногуни хидматрасониро драйвери асосӣ ҳисобидан мумкин аст. Солҳои охир Самарқанд дар дунё ҳамчун дарвозаи сайёҳӣ машҳур гардид. Ҷараёни омаду рафти меҳмонони хориҷӣ сол то сол меафзояд. Танҳо дар 11 моҳи соли равон 5,1 миллион сайёҳи маҳаллӣ ва 3,1 миллион сайёҳи хориҷӣ аз шаҳри мо боздид карданд. Ин рақам нисбат ба соли гузашта 52 фоиз афзуд. Маълумотҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки аз оғози сол хидматрасонии соҳа 602 миллион доллари амрикоиро ташкил додааст. Барои оммавӣ гардонидани туризм беш аз 30 тадбири пуршукӯҳи фарҳангӣ ва анҷуманҳои байналхалқӣ гузаронида шуданд. Вале иқтисодиёти вилоят набояд танҳо бо сайёҳӣ маҳдуд шавад. Агросаноат, кластери саноатӣ, бофандагӣ, техникаи электронӣ, маводи сохтмон, логистика низ зина ба зина боло меравaнд. Баробари ин бинобар ривоҷу равнақи тиҷорати хурд ва соҳибкории хусусӣ ҷойҳои кори фоидабахш пайдо мешаванд, ки боиси хушнудист.

Масалан, аз оғози сол 566 корхонаи саноатӣ фаъолияти худро оғоз кард. Шумораи субъектҳои тиҷорати хурд дар вилоят ба 33 ҳазору 171-то расид.

**– Ба наздикӣ Шуморо раиси федератсияи шоҳмоти вилоят интихоб карданд. Муносибати шумо ба варзиш чӣ гуна?**

Хосатан, шатранҷ ақлу идроки инсонро ривоҷу равнақ дода, барои сабру таҳаммул, мустаҳкам намудани хотира кумак мерасонад. Солҳои охир бо дастгирӣ ва ҷонибдории сарвари давлат нисбати шоҳмот варзишгаронамон дар мусобиқаҳои бонуфузи байналхалқӣ ва ҷаҳонӣ аз шоҳсуфаҳои баланд ҷой мегиранд. Ин комёбиҳо ифтихори мост. Дар байни чемпионҳои Бозиҳои олимпӣ ва Ҷоми ҷаҳон будани самарқандиҳо ифтихори аҳолии вилоят аст. Ман кӯшиш мекунам, ки онҳоро ҳамаҷониба рағбатнок созем.

Бояд гӯям, ки ман солҳои таҳсил дар мактаби миёна ба маҳфилҳои шоҳмот иштирок карда, ҳатто дар чанд мусобиқа пирӯз ҳам шудаам. Ҳоло ҳам чун вақти холӣ ва имконият пайдо шавад, албатта мӯҳраронӣ мекунам. Зеро тавре ки дар боло гуфтам, бозии мазкур барои ҷамъ намудани фикру андеша, қарори дуруст қабул намудан кумак мекунад.

Ният дорем, ки дар Самарқанд қаср ва академияи шатранҷ сохта, ин бозии шавқангезро дар байни насли наврас тарғибу ташвиқ намоем.

Соли 2026 дар Самарқанд Бозиҳои олимпӣ оид ба шоҳмот баргузор хоҳад шуд, ки мо ба он тайёрии пухта мебинем.

**– Бо ин қадар кор, масъулият оё барои истироҳат вақт пайдо мекунед?**

– Албатта, бидуни он коҳиш ёфтани саломатӣ ҳолати табиист. Инсон ҷисми зинда аст, бояд ҳам кору ҳам истироҳат намояд. Баъзеҳо аз бисёр будани кору норасоии вақт меноланд. Ин оқибати вақтро дуруст тақсим карда натавонистан аст. Ман ҳамеша аз зердастони худ талаб мекунам, ки дар вақти муайяншуда кор карда, рӯзҳои истироҳат дар ҳалқаи оила бошанд, саёҳат кунанд, бо варзиш машғул шаванд.

**– Муносибати шумо ба таърифу таҳсин ва танқид чӣ гуна аст?**

– Ситоиш – санҷиш, танқид – омили тараққиёт аст, агар он бо асос, самимӣ ва беғаразона бошад. Агар ба одам хато ва иштибоҳи ӯро нишон диҳед, болои худ кор мекунад, ислоҳ мешавад. Ситоиш бошад, ба масъулият даъват менамояд. Ҳеч шуғле бе машварат, бе маслиҳат накӯ наояд.

Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ фармудаанд:

*Машварат идроку ҳушёрӣ диҳад,*
*Ақлҳоро ақлҳо ёрӣ диҳад.*

Ҳақ асту рост, зеро ҷомаи бомаслиҳат кӯтоҳ наояд.

Самарқанд аз азал макони фозилону донишмандон буд ва хоҳад монд. Боиси хушнудист, ки пас аз барои кор ба «сайқали рӯйи замин» омадан, бо шахсони наҷиб, соҳибтаҷриба, накӯкор риштаи дӯстӣ бастам. Аз ҷумла, бо охирин иштирокдори Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ, сокини маҳаллаи Арабхонаи ноҳияи Самарқанд Аҳадбобо Очилови 101 сола, собиқ роҳбари вилоят Пӯлод Абдураҳмонов, арбоби давлатӣ Маматқул Абдушукуров, дипломат, забондон, аввалин сафири Ӯзбекистон дар Русия Юсуф Абдуллоев, раиси Шӯрои намояндагони халқи вилояти Самарқанд Шуҳрат Неъматов, ҳуқуқшинос Алишер Мардиев, ректори Донишгоҳи давлатии Самарқанд Рустам Холмуродов, ҳамкасбони шумо Тошпӯлод Раҳматуллоев, Фармон Тошев ва дигарон барҳақ маслиҳатгари мо мебошанд. Беҳуда нагуфтаанд, «бе пир марав, ки дар бинмонӣ, ҳарчанд Сикандари замонӣ!

**– Нақшаҳои оянда аз чӣ иборатанд?**

– Дар иҷлосия ғайринавбатии Шӯрои намояндагони халқи вилояти Самарқанд Президенти муҳтарам Шавкат Мирзиёев баъди ба вазифаи ҳокими вилоят таъин кардани камина таъкид намуданд, ки ба масъалаҳои таъсиси ҷойҳои корӣ, коҳиши сатҳи камбизоатӣ, зиёд намудани ҳаҷми сармоягузорӣ ва содирот, паст кардани арзиши аслӣ ва афзунсозии самаранокии энергетика эътибори ҷиддӣ дода, Самарқандро ба минтақаи намунавӣ табдил диҳем.

Иҷрои ин вазифаи пурмасъулият бароям ҳам қарзу ҳам фарз аст. Барои амалӣ гардидани ин вазифаҳои таъхирнопазир якҷо бо мардуми сарбаланди Самарқанд, кӯшишу ғайрат хоҳем кард.

Ва барои расидан ба рушду нумӯъ,пешрафту дастовардҳои рӯзафзун, рифоҳу саодат ва гулгулшукуфонии Ватани маҳбубу муқаддас роҳеро интихоб хоҳем кард, ки сарвари давлатамон ба назди мо дар Паёми худ гузоштаанд.

Мусаллам аст, ки агар имрӯз ҳидоятҳои роҳбари оқилу доно ва дурандешро сармашқи хеш қарор диҳем,ояндаи дурахшоне пешорӯ хоҳад омад.

**– Ниҳоят, таманнои шумо ба мардуми сермиллати Ӯзбекистони Нав тавассути рӯзномаи «Овози тоҷик».**

– Қатъи назар аз миллату забон, дину мазҳаб ҳаёти фаровону осуда гузаронидани ҳар як шаҳрванди мо асоси сиёсати оқилона ва дурандешонаи сарвари давлатамонро ташкил медиҳад. Ӯзбекистони Нав хонаи умумии мост. Ба мардуми азизи кишвари азиз хонаободӣ, осудагиву осоиштагӣ, дастархони пурнозу неъмат орзумандам.

Бигзор, Ватани ягона ва азизу муқаддаси мо шукуфон бошад!

**– Барои суҳбати самимӣ сипосгузорам.**

– Саломат бошед!

Сӯҳбаторо
**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**




## *Латифаҳои солинавӣ*

### Кисаи холию фармонбардори зан

Афандӣ ба ҷӯрааш арзи ҳол кард:

– Дар ин рӯзҳо ҳамаи касбу кор ба дасти зан гузашт: ронандагӣ, созандагӣ, навозандагӣ, дӯкондорӣ, тӯйхӯрию гаштакбозӣ...

– Ба ту оё ягон кор монд? – хандида пурсид ҷӯрааш.

– Бале, кисаи холию фармонбардории зан.

### Сухани ширин

Афандӣ аз занаш пурсид:

– Ҷонакам, дар Соли нав ба ту чӣ тухфа кунам?

Занаш ҷавоб дод:

– Сухани ширину чеҳраи хандон.

### Гаштакхӯрӣ

Зани Афандӣ аз ӯ пурсид:

– Дар Соли нав чӣ орзу дорӣ?

Гуфт:

– Орзу дорам, ки дугонабозию гаштакхӯриро камтар кунӣ.

**Толиб ЮНУСЗОДА.**

### Шуморо ҳам муолиҷа мекунанд

Вазири тандурустӣ ба девонахона омад ва аз беморе пурсид:

– Ҳолатон хуб аст? Шуморо хуб даво карда истодаанд?

– Бале, муолиҷа табъи дил! Шуморо ҳам муолиҷа мекунанд.

– Ҳӯ, бародар, ман вазири тандурустиям.

– Ҳеч гап не. Ман, пеш аз ба ин ҷо омадан, Искандари Мақдунӣ будам.

### Падарам хурсанд мешуд

– Вася, агар ин ҷавобҳоятро падарат мешунид, мӯйҳояш рост мешуданд, – гуфт омӯзгор ба хонанда.

– Падарам бисёр хурсанд мешуд.

– Барои чӣ?

– Чунки дар сари падарам якто ҳам мӯ нест.

### Барои санҷидани сабру тоқати наздикон

Журналист одамеро, ки умри дароз дида буд, ба суҳбат кашид:

– Чӣ мегӯед? Офаридгор барои чӣ ба шумо имкони 98 сол умр диданро додааст?

– Ба фикрам, барои санҷидани сабру тоқати наздиконам.

Тарҷума ва таҳияи
**Шуҳрат ИНЪОМОВ.**

***Дар Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон дар ҳамкорӣ бо Маркази маънавият ва маърифати ҷумҳурӣ, Иттифоқи нависандагон, Бунёди ҷамоатии «Ватандошлар», Бунёди ҷамоатии дастгирии институтҳои ҷамъияти шаҳрвандии назди Олий Маҷлис ва Маркази ҷамъияти тарғиботгарони «Маърифат» дар мавзӯи «Ягонагии забонҳои туркӣ – як реша, як забон ва як фарҳанг» анҷумани маърифатӣ баргузор гардид. Дар он шоиру нависандагон, олимон, ҳунарварон, донишҷӯёну профессорони макотиби олӣ ва меҳмонон аз хориҷ иштирок намуданд.***

# АНҶУМАНИ МАЪНАВӢ-МАЪРИФАТӢ ДАР ИТТИҲОДИ НАВИСАНДАГОН

Раиси Иттиҳоди нависандагон Сироҷиддин Саййид, Нависандаи мардумии Ӯзбекистон Исоҷон Султон, раиси раёсати Бунёди ҷамоатии «Ватандошлар» Одилҷон Сафаров ва дигарон дар бораи саъйи муттасили роҳбари давлати мо бобати татбиқи сиёсати ҳамгароӣ, таҳкими риштаҳои дӯстиву рафоқат байни ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ва Қазоқистон ва самараи ин ҳаракатҳо хоссатан дар татбиқи дӯстии адабиётҳо дар солҳои охир ҳарф заданд.

Рӯнамоии китобҳои намояндагони Тоҷикистон Ҷамшед Примов («Тасвири ҳайрат») ва Солиҳа Олимова («Туғёни қалб»), ҳамчунин «Фарзанди Туркистонам» ном китоби адиби ӯзбекзабони Қазоқистон Эрназар Рӯзиметов рӯйи кор омад.

Шоири мардумӣ Маҳмуд Тоир, Ходими хидматнишондодаи фарҳанг Зулфия Муъминова шеърҳо хонданд. Овозхон, соҳиби Ҷоизаи давлатии Зулфия Адолат Исмоилова ва сарояндаи маркази санъати мақом Миршод Элов бо баромадҳои худ хотири иштирокдоронро болида намуданд.

Дар охир ба меҳмонон ва як қатор иштирокдорони фаъоли чорабинӣ тухфаҳо тақдим карда шуд.

**М. ШОДИЕВ**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-128.
Адади нашр 3154. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор:
А. Субҳонов.
Саҳифабанд-дизайнер:
Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 23.00

Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ«.
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.